# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба оид ба диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони сирфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Истеъдоду маҳорати Султонзода Исмоил Сафарали дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба нақш ва мавқеи тарбияи ҷисмонӣ дар тарғиб ва риояи тарзи хаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити муосири ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва маориф, истифодаи методҳои инноватсионии таълим ( интерактивӣ) зимни таълими фанну предметҳо сазовори таҳсин мебошад. Дар муддати 8 соли омӯзгорӣ, ки ӯ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дарс медиҳад, фаъолияти педагогии ӯ натиҷаҳои хуб ба бор овардааст.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Исмоил Сафарали ҳанӯз аз солҳои нахустини кору фаъолияти омӯзишиаш зимни хонадни маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни мазкур сурат гирифтааст, ки заминаи таҳқиқоти ӯро ташкил мекунад.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ Султонзода Исмоил Сафарали ба асосноккуниии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавию озмоишии мазмун ва технологияи риояи бонизоми тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик ва афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба сомон расидааст.

Султонзода Исмоил Сафарали зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилонаи пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Дар мухлати пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Султонзода Исмоил Сафарали худро ҳамчун унвонҷӯи қавиирода, серталаб ва масъулиятшинос нишон дода собит намуд, ки ӯ як таҳқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор аст ва

минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян ва бошууронаву амиқ дарк намояд, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил карда, методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи Султонзода Исмоил Сафарали оид ба проблемаи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикос ёфтаанд.

Муҳаққиқ Султонзода Исмоил Сафарали дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Академия таҳсилоти Тоҷикистон муваффақона дар доираи мавзуи илмӣ- таҳқиқотиаш бо маърузаҳо баромад намудааст.

Дар маҷмуъ Султонзода Исмоил Сафарали метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки қодир аст, мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо иҷро намояд.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Исмоил Сафарали ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, мудири шуъбаи методикаи таълим
ва психологияи АТТ С. Камолзода

Имзои Сайфиддин Камолзодаро тасдиқ мекунам:
Нозири бахши кадрҳои АТТ М. Саидова
Ҷ.М.
«02» сентябри 2024